

Нохияи Шахристон хамсоли Истиклолияти давлатии Точикистон  буда, ба шарофати гамхорихои Хукумати мамлакат ва захмати софдилонаи сокинонаш имрӯз ба яке аз нохияхои ободу зебо ва рӯ ба инкишофи кишварамон табдил ёфтааст.
Шахристон, ки дар минтакаи кӯхистон чойгир аст, аз чумла мавзеъхои дар хакикат зебоманзари диёрамон махсуб меёбад.
Дар баробари ин, бояд гуфт, ки нохия, вокеан, яке аз марказхои бисёр кадимаи таърихӣ ва ёдгорихои зиёди бостонӣ хамчун нишонаи фарханги моддии ахди кадим ва асрхои миёнаи мардуми мо гувохи он мебошад.
Шахри Бунчикат, ки дар замонхои хеле кадим хамчун макони хокимони Уструшан дар мавзеи хеле мувофики чугрофӣ чойгир буда, дар радифи шахрхои бостонии Осиёи Марказӣ карор дорад.
Холо чихати махфуз доштани ёдгорихои асримиёнагии калъахои Ках-каха як ва ду, инчунин, кушки Чилхучра корхо идома дошта, шахри Бунчикати кадима барои чоизаи "Ёдгорихои Осиёи Маркзӣ дар Шохрохи Абрешим" ва дохил намудани он ба Фехристи умумичахонии фархангии ЮНЕСКО пешниход гардидааст.
Мавчудияти даххо ёдгориву мавзеъхои таърихӣ, инчунин, табиати бихиштосои нохияи Шахристон имконият медихад, ки дар худуди он сайёхии экалогиву табобатӣ, фархангиву маърифатӣ, таърихӣ ва варзишиву кӯхнавардӣ тараккӣ дода шавад.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат,

Президенти Чумхурии Точикистон,

Эмомалӣ Рахмон